**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), пешниҳод шудааст, (Душанбе, 2022. – 32 саҳ.).**

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва таъмини сулҳу суботи комил дар кишвар, таҳти роҳбарии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳилаи нави инкишофи қонунгузорӣ, аз ҷумла, қонунгузории ҷиноятӣ ба миён омад. Дар ҳамин ҷараён, аввалин маротиба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 21 майи соли 1998 қабул гардид. Қонуни нави ҷиноятӣ аз мустақилияти низоми ҳуқуқии мамлакат шаҳодат медиҳад, зеро баробари мустақил гардидани давлат зарурати қабули қонунҳои миллӣ ба миён меояд.

Мақсад аз қабули Қонуни нави ҷиноятӣ ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, тартиботи ҷамъятӣ ва ахлоқ, амнияти миллӣ ва соҳибихтиёрии кишвар, сулҳу суботи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Чунки дар ҷомеа кирдорҳои зиддиҳуқуқие содир мегарданд, ки ба арзишҳои мазкур зарар расонида, тартиботи мавҷударо дар ҷамъият поймол мекунанд. Бинобар ин, дар шароити имрӯзаи мамлакат таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мубрам ва айниҳолӣ дониста мешавад.

Дар марҳилаи муосири ташаккули ҷомеа ҷазои ҷиноятӣ яке аз воситаҳои зарурӣ ва дар як маврид, воситаи шадиди вокуниши давлатӣ нисбат ба ҷинояти содиршуда ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, таъини он танзими дақиқи ҳуқуқӣ ва асосноки илмиро талаб менамояд, то ки ҷинояткор ҷазои сазовори худро соҳиб шавад, принсипи адолат риоя карда шуда, чораҳои қонунгузории ҷиноятӣ танҳо ба андозаи зарурӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои барои ҷазо муқарраршуда, истифода шаванд. Ин талабот яке аз самтҳои асосии сиёсати ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ба мисли ҷиноят – ҳамчун омили ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Таъиноти ҷамъиятии ҷазо дар он зоҳир

мегардад, ки он дар муҳлатҳои тулонии замон ҳамчун яке аз воситаҳои асосии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ба ҳисоб меравад. Дар марҳилаҳои гуногуни инкишофёбии тамаддуни башарӣ давлат ба воситаи ҷазои ҷиноятӣ кушиш намуда истодааст, ки аслан ҳамон як масъала, яъне ҳимояи ҷомеаро аз таҷовузи ҷиноятӣ ба арзишҳои муҳимми иҷтимоии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда ҳал намояд. Таҳлилҳои анҷомдодаи муаллиф нишон медиҳанд, ки ҷинояткорӣ дар Тоҷикистон тамоюли рӯ ба афзоишро касб намудааст, зеро мувофиқи маълумотҳои омории аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда, танҳо аз соли 2010 то 2020 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 218465 ҷиноят ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин шумора 52059 онро ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ташкил менамоянд. Аз ин рӯ, баҳодиҳии таҷрибаи таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва пешбинӣ намудани инкишофи минбаъдаи он бидуни ба роҳ мондани тадқиқотҳои амиқи илмӣ имконнопазир мебошад. Маҳз бо назардошти мубрамияти институти таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо дар ҷомеа, имрӯз зарурат ба миён омадааст то дар муҳити илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии он мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Бинобар ин, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Ҷ.А. саривақтӣ буда, мубрамияти худро дар ҷомеаи имрӯза, ки дар он принсипи қонуният ва адолат мақому манзалати хос дорад, бештар соҳиб шудааст.

Пажуҳишгар дар баробари он, ки масъалаҳои мубрами назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии институти таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст, инчунин, ба таърихи пайдоиш ва ташаккули институти мазкур таваҷҷуҳи махсус сафарбар намуда, онро ба чор давра ҷудо намудааст: а) давраи аввал – аз соли 1918 то соли 1935, яъне дар ин марҳилаи таърихӣ як қатор санадҳои маъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки заминаи асосии ба вуҷудоӣ ва инкишофи масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ гардидаанд; б) давраи дуюм – аз соли 1935 то соли 1961, яъне аз замони қабул гардидани КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 то қабули КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961; в) давраи сеюм – аз соли 1961 то соли 1998, яъне аз давраи қабули КҶ ҶШС Тоҷикистон то қабули КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон; г) давраи чаҳорум – аз соли 1998 то ба имрӯз.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки дар қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли қонунгузории бисёре аз кишварҳои аъзои ИДМ оид ба масъалаи сершуморагии ҷиноятҳо боби алоҳида ё моддаи алоҳида пешбинӣ нашуда, балки намудҳои онро ба

мисли такрори ҷиноят, маҷмӯи ҷиноят ва ретсидиви ҷиноят дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

Ба андешаи муаллиф барои маҷмӯи ҷиноятҳо на танҳо содир гардидани ду ё зиёда аз он ҷиноятҳои қасдона, балки содир кардани якчанд ҷиноятҳои аз беҳтиётӣ низ, хос мебошад. Аз ин рӯ, маҳдуд кардани мафҳуми маҷмӯи ҷиноятҳо танҳо ба ибораи барқасдона содир намудани ҷиноятҳо қобили қабул нест. Муаллифи диссертатсия бар он ақида аст, ки намудҳои гуногуни сершуморагӣ вуҷуд доранд ва он маҷмӯи идеалӣ номида шуда, дар КҶ дарҷ шудааст ва барои он содир намудани як кирдоре, ки аломатҳои ҷиноятҳои гуногунро дар бар мегирад, яъне бо дар як вақт содир гардидани ду ва зиёда аз он ҷиноятҳо тавсиф меёбад, хос мебошад. Аз ин лиҳоз, аломати дар вақтҳои гуногун содир гардидани ҷиноятҳо барои тавсиф додани сершуморагии ҷиноятҳо қобили қабул намебошад (саҳ. 21).

Ба ақидаи муаллиф дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ институти маҷмӯи ҷиноятҳо яке аз элементҳои муҳимми таълимот дар бораи ҷиноят ва ҷазо ба ҳисоб меравад. Ба андешаи диссертант аз ҳама мафҳуми соддатарини маҷмӯи ҷиноятҳо ишора ба он далеле мебошад, ки шахс дар ин ҳолат на як ҷиноят, балки ду ва ё зиёда ҷиноятро содир менамояд, ки дар ҳаракатҳои ӯ якҷояшавии якчанд ҷиноятҳои алоҳидаро мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳоло мувофиқи қ. 1 м. 20 КҶ ҶТ содир кардани ду ё зиёда аз он кирдори ҷиноятии дар моддаҳои гуногун ё қисмҳои мухталифи ҳамон моддаҳои Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида, ки шахс барои ҳеҷ кадоми он маҳкум нашудааст, маҷмӯи ҷиноят эътироф мешавад (саҳ. 22).

Муаллиф қайд менамояд, ки баҳри бештар дарк кардани мафҳуми маҷмӯи ҷиноятҳо зарурати мавриди таҳлил қарор додани воҳиди сохтории сершуморагии ҷиноятҳо, яъне ҷинояти ягона бо инъикос додани мафҳум, аломат, намуди он ва муайян кардани мушкилоти фарқияти сершуморагии ҷиноятҳо аз кирдори ҷиноятконанаи ягона пеш меояд. Ба андешаи муаллиф зарурати омӯзиши ҷиноятҳои ягона ва намудҳои он бо он асоснок карда мешавад, ки: якум, он барои возеҳу равшан намудани мазмуни худи мафҳуми маҷмӯи ҷиноятҳо мусоидат менамояд, зеро маҳз ҷинояти ягона қисми ҷудонашавандаи сохтори он мебошад; дуюм, дар ҷараёни бандубаст намудани он, ба ҷудо кардани шакли сершуморагии ҷиноятҳо ва ҷиноятҳои мураккаби ягона кӯмак мерасонад; сеюм, бояд ҳамеша дар назар дошт, ки бандубасти дурусти кирдори ҷиноятӣ ба таъини ҷазо низ, таъсир мерасонад.

Ба андешаи муаллиф криминалистон ҷудо кардани ҷинояти ягонаро аз ҷиноятҳои сершумор, аз рӯйи меъёрҳои гуногун, ки онҳоро шартан метавон ба ду гуруҳ тақсим намуд, истифода мебурдаанд ва ҳанӯз ҳам

мебаранд. Гуруҳи якум – ягонагии аломатҳои ҷудогонаи омилҳои (ҷузъҳои) таркиб, яъне тарафи объективонаи онро пайравӣ менамоянд. Муаллиф қайд менамояд, ки мавқеи мазкури криминалистон меъёри ҳуқуқии ягонагии ҷиноятро инъикос менамояд. Барои он, ки кирдори содиршуда ҷинояти ягона эътироф ва аз сершуморагӣ ҷудо карда шавад, пеш аз ҳама зарур мегардад, ки дар кирдор аломатҳои таркиби ягонаи ҷиноят муайян карда шавад.

Муаллиф иброз медорад, ки ҳангоми фарқгузории маҷмӯи ҷиноятҳо аз ҷиноятҳои ягонаи мураккаб, мушкилоти зиёдро бандубасти ҷиноятҳои ягонаи мураккаб ба вуҷуд меоварад, зеро онҳо бо зӯроварӣ алоқаманданд, ки аломатҳои мазкур дар матни қонуни ҷиноятӣ ба таври зарурӣ муайян карда нашудаанд. Аз ин лиҳоз, ворид намудани иловаҳои зарурӣ ба моддаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ишора ба хусусияти чунин зӯроварӣ аз манфиат холӣ намебошад (саҳ.24).

Ба андешаи муаллиф ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун институти мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ҷомеа бо пайдоиши ҳуқуқ ва давлат ҳамчун ҷавоб ба кирдори барои ҷамъият хавфнок – ҷиноят ба ҳисоб меравад. Ба андешаи муаллиф ҷазо яке аз намудҳои асосии татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Ҳангоми таъини дурусти он фаъолияти кории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд нисбати ҷинояти содиршуда, ҷамъбаст мегардад. Аз ин лиҳоз, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ба масъалаи таъини ҷазо ва асосҳои умумии таъини он ҷойгоҳи махсус ҷудо карда шудааст.

Муаллиф иброз медорад, ки маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқӣ – ҷиноятие, ки ба таъмини фаъолияти дахлдори суд дар соҳаи интихоби тарзу услубҳои мувофиқ оид ба чораҳои таъсиррасонӣ нисбат ба гунаҳкор, дар ҳукм муайян кардани ҷазои одилона аз чиҳо иборатанд. Агарчанде, ки дар КҶ ҶТ мафҳуми асосҳои умумии таъини ҷазо ҷой надошта бошанд ҳам, аммо дар назарияи илм маҷмӯи мазкури қоидаҳои таъини ҷазоро асосҳои умумии таъини ҷазо меноманд (саҳ. 24).

Муаллиф иброз медорад, ки ба ҷинояткор таъин намудани ҷазои одилона мутобиқи вазнинии кирдори содирнамуда – яке аз шартҳои зарурии ба амал баровардани ҳадафу вазифаҳо дар соҳаи сиёсати ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Ҷазои одилона танҳо дар сурате таъин карда мешавад, ки агар ба кирдори содиргардида, ҳаматарафа ва объективона (холисона) баҳо дода шуда бошад. Ба андешаи муаллиф ҳангоми таъини ҷазо дар алоҳидагӣ барои ҳар як кирдори ҷиноятии содиршуда, аҳамияти муҳим ба хусусиятҳои фардии он аз ҷумла, ба аломат ва дараҷаи хавфнокии он дода мешавад (саҳ. 25).

Муаллиф қайд менамояд, ки дар ҳолате, ки маҷмӯи ҷиноятҳоро ҷиноятҳои начандон вазнин ва ё дараҷаи миёна ташкил диҳанд, нисбати

ҷазоҳои иловагии якхелаи таъиншаванда метавон принсипҳои ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар ва ё қисман ё пурра зам намудани ҷазоҳо татбиқ карда шавад. Агар дар ин ҳолат ҷазоҳои иловагии гуногун таъин шуда бошад, он гоҳ принсипи мустақилона иҷро гардидани онҳо татбиқ карда мешавад. Принсипи дар бар гирифтан вобаста ба ҷазоҳои иловагии гуногун мутобиқи КҶ ҶТ ғайриимкон мебошад, зеро дар қонунгузории ҷиноятӣ ҷазоҳои иловагӣ ба мисли ҷазоҳои асосӣ бо пайдарҳамии вазниниашон нишон дода нашудаанд. Ҷазоҳои иловагӣ бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ ба таври мушаххас инъикоси худро ёфта бошанд, зеро татбиқи принсипи дарбаргирӣ, қисман ё пурра зам кардани ҷазоҳои иловагӣ танҳо дар ҳолати таъини ҷазоҳои иловагии якхела ва шабеҳи он имконпазир буда, ҷазоҳои иловагии гуногуннамуд бояд мустақилона иҷро карда шаванд.

Маврид ба тазаккур аст, ки рисолаи илмӣ дар заминаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо омода карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои илмӣ-амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар инкишофи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, таҷдиди қонунгузории ҷиноятӣ ва бартараф намудани мушкилиҳои амалияи судӣ дар ин самт, саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Нисбат ба автореферати диссертатсия чунин эродҳоро манзур менамоем:

1. Пажуҳишгар дар пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд масъалаҳои танзими ҳуқуқии таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро шартан ба чор давраи таърихӣ: а) давраи аввал – аз соли 1918 то соли 1935, яъне дар ин марҳилаи таърихӣ як қатор санадҳои маъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки заминаи асосии бавуҷудоӣ ва инкишофи масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ гардидаанд; б) давраи дуюм – аз соли 1935 то соли 1961, яъне аз замони қабул гардидани КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 то қабули КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961; в) давраи сеюм – аз соли 1961 то соли 1998, яъне аз давраи қабули КҶ ҶШС Тоҷикистон то қабули КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон; г) давраи чаҳорум – аз соли 1998 то ба имрӯз ҷудо намуда, вале муаллиф дар автореферати мазкур танзими ҳуқуқии масъалаи таъини ҷазоро барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқ ба қонунгузории пеш аз шуравӣ

амалкунанда ба таври возеҳу равшан шарҳ надодааст. Аз ин рӯ, мехостем оид ба масъалаи мазкур андешаи таҳқиқбарандаро шунида бошем, зеро то таъсис ёфтани давлати шуравӣ ҷазо ва падидаҳои ба он алоқаманд дар сатҳи қонунгузорӣ вуҷуд дошт (саҳ. 11-12).

Бояд зикр кард, ки эроди мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд, ки ин яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, дар маҷмуъ, хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи омоданамудаи Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии ДДМИТ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Каримов Ҳ.М.**

**Имзои Каримов Ҳ.М.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Шарипов У.А**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**«____»__________ 2022с.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14; Тел.: (+992) 37 231-08-43; факс.: (+992) 37 227-30-75; сомона www.tgfeu.tj; E-mail:tgfeu@tgfeu.tj